ФАРМОИШИ
РАИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН»

аз «01» 04 соли 2026 № 117/ли ш. Душанбе

Дар бораи маҷаллаи илмии тақризшаванда

Мутобиқи сархати бисту шашуми банди 9 ва сархати чоруми банди 18-и Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270 тасдиқ шудааст, **ф а р м о и ш  м е д и ҳ а м:**

1. Маҷаллаи илмӣ-иттилоотии “Ахбори Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ISSN: 3107-247X)” ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шавад.
2. Дар маҷаллаи мазкур нашри маводди илмӣ аз рӯйи соҳаи илмҳои 5.5. Ҳуқуқшиносӣ иҷозат дода шавад.
3. Бахши иттилоот ва маҷаллаҳои илмӣ (Дурандеш Шарифзода) дар муҳлати то 10 рӯз нусхаи фармоишро дар сомонаи Комиссия ҷойгир намояд.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси Комиссия Мумин Шарифзода вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2026, №04

**Раис** **Сайфиддин Давлатзода**

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ